**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Сардори Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**
**_______________ Шарифзода Ф.Р.**
**«___» _______________ соли 2023**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар оид ба диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти диссертатсионии Соибов З.М. дар шароити муосир аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки таҷрибаи илмии кишвар шаҳодат медиҳад, ки нисбат ба он таҳқиқоти пурра ва комплексии муайян аз ҷониби муҳаққиқон ва ҳуқуқшиносони ватанӣ гузаронида нашудааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки бевосита ба марҳилаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Чунки, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастоварии мустақилии сиёсӣ дар баробари қадам ниҳодан ба низомҳои нави рушди давлатию ҷамъиятӣ, ҳамзамон ба низоми иқтисоди бозорӣ рӯ овардааст, ки дар қатори он падидаи фаъолияти гумрукӣ ҳамчун тадбири муҳимтарини танзими фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ки ҷузъи ҷудонопазири иқтисоди бозорӣ аст, ташаккул ёфтааст. Фаъолияти гумрукӣ дар ин давраи рушди кишвар дар шакли хоса рушд ёфта, заминаҳои ҳуқуқии он давра ба давра мустаҳкам гардиданд.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти гумрукӣ, идоракунии давлатӣ нисбат ба он ба роҳ монда шудааст, ки шарти муҳимтарини рушд ва таъмини қонунан баамалбарории он аз ҷониби субъектҳои ваколатдор мебошад. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ табиати соҳавӣ дошта, дар алоқамандӣ бо татбиқи қонунгузории гумрукии кишвар, амалигардонии сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин иҷрои вазифа ва ҳадафҳои дахлдории давлат, ки дар марҳилаи муосир барои рушди соҳаҳои давлатию ҷамъият муайян гардидаанд, қарор дорад. Бинобар ҳамин, дар заминаи илми ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, ба ошкор ва муайян намудани мушкилот ва норасоиҳо дар ин соҳа, таҳияи андеша ва нуктаҳои илмӣ ҷиҳати такмил ва рушди он мусоидат менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло зикр намудан мавриди хос аст, ки интихоб, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф қадами нахустин дар фазои илми ҳуқуқи маъмурии кишвар ба ҳисоб меравад. Саҳми муаллифи таҳқиқоти диссератсионӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи зикршуда консепсияи нави илмиро таҳия намудааст. Муаллиф тавонистааст, ки масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шакли хос аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ таҳлил ва таҳқиқ намуда, андешаҳои илман асоснокро вобаста ба он пешниҳод намояд. Омӯзиши таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нишон дод, ки тарзи масъалагузорӣ аз ҷониби муаллиф бонизом сурат гирифта, масъалаҳои таҳқиқшаванда (бобҳо ва зербобҳо) пайдарҳам ва дар пайвастагӣ бо якдигар қарор доранд. Махсусан, муаллиф таҳқиқ ва таҳлилро дар заминаи истифодаи васеъ ва самараноки усулҳои илмии дахлдор ба роҳ мондааст, ки сифати таҳқиқоти диссертатсиониро мукаммал намудааст.

Ҷиҳати дигари саҳми муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи андешаҳо ва консепсияҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот мебошад. Муаллиф андешаҳои гуногуни илмиро вобаста ба масъалаи таҳқиқотӣ иброз намуда, тавсияҳои асосноки илмиро бо мақсади такмили қонунгузории амалкунанда ва таъмини рушди самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ пешниҳод кардааст, ки миёни онҳо метавон инҳоро зикр намуд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ибтидоан масъалаи падидаи идоракунии давлатӣ ва фаҳмишу мазмуни он дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир таҳлил гардидааст. Муаллиф масъалаи мазкурро ҳамаҷониба

таҳлил намуда, иброз намудааст, ки дар баробари муҳиммияти он дар илмҳои дигар, дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷойгоҳи хоса дошта, бо мазмуни ҳуқуқӣ баҳо дода мешавад. Яъне, он ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ, объекти танзими ҳуқуқӣ, восита ва ё раванди таъсиррасонӣ ва фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ фаҳмида мешавад. Ӯ қайд менамояд, ки ба таври мушаххас бошад, идоракунии давлатӣ мавзуи батанзимдарории ҳуқуқи маъмурӣ, ки яке аз соҳаҳои мустақил дар низоми ҳуқуқии кишвар шуморида мешавад, ба ҳисоб меравад ва онро метавон чун падида ва категорияи ҳуқуқӣ муайян намуд.

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи масъалаи идоракунии давлатӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки идоракунии давлатӣ ифодагари фаъолияти на ҳама мақомоти давлатӣ, балки фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад, ки бевосита бо роҳбарӣ намудан ба соҳаҳои дахлдори ҳаётӣ алоқаманд буда, татбиқи муқаррароти қонунгузориро дар онҳо таъмин менамоянд.

Ҳамзамон, муаллиф муқаррароти қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавиро вобаста ба идоракунии давлатӣ таҳлил намуда, андешаҳо ва тавсияҳои амалии худро вобаста ба он пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.

2. Фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ ва функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷумлаи масъалаҳои дигаре мебошанд, ки муаллиф онҳоро таҳлили пурра намудааст. Ӯ заминаҳои таърихии рушди фаъолияти гумрукиро мавриди омӯзиш қарор дода, зикр кардааст, ки аз нигоҳи таърихӣ асоси бавуҷудоии фаъолияти гумрукиро тиҷорат ба ҳисоб рафта, муайян намоии пардохтҳо ва ситонидани онҳо аз ҳисоби моли тиҷоратӣ шакли бевосита баамалбарории онро ташкил медиҳад.

Зимни таҳлили масъалаҳои зикршуда муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар шароити муосир фаъолияти гумрукӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маъмурӣ ва объекти идоракунии давлатӣ баромад менамояд ва дар раванди таҳлил хусусиятҳои муҳимтарини онро аз нигоҳи худ муайян кардааст, ки аҳаммияти баланди илмӣ доранд. Ҳамзамон, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ гардида, тибқи андешаи муаллиф онҳоро ба ду намуд, яъне умумӣ ва махсус ҷудо намудан мумкин аст, ки ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклҳо ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардидааст, ки аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарини идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти

гумрукиро ҳамаҷониба таҳлил карда, иброз менамояд, ки шакли идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатии самти мазкурро инъикос менамояд, ки дар доираи салоҳияти (ваколати) барои онҳо муқарраргардида амалӣ мегардад. Дар умум, ду шакли идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ – ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ аз ҷониби муаллиф муайян гардидааст, ки онҳоро дар навбати худ ба намудҳои хос ҷудо намудааст, ки дар фаҳмиш ва дарки фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аҳаммияти хос доранд.

Тибқи андешаи муаллиф дар шароити муосир, ки техника ва технолигия бо суръати баланд рушд ёфта истодааст, нақши воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ меафзоянд ва ба андешаи ӯ истифодаи онҳо чун шакли ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баромад мекунад.

Усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар баробари шаклҳои он масъалаи муҳимтарин барои идоракунии давлатии соҳаи мазкур ба ҳисоб рафта, ба андешаи муаллиф ифодагари маҷмӯи тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳокимиятӣ аз ҷониби субъектони идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба рафтор ва амали иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гумрукӣ аст, ки баҳри расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ равона мегарданд.

Дар раванди таҳлили масъалаи усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муаллиф намудҳои усулҳои мазкурро муайян намудааст, ки дар умум усулҳои боварикунонӣ ва маҷбуркуниро дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, мутобиқи андешаи ӯ усули боварикунонии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ тавассути тадбирҳое чун баландбардории сатҳи дониш ва маълумотнокии иштирокчиёни идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ вобаста ба қонунгузории соҳавӣ, такмили дониш ва касбияти кормандони мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ҳавасмандгардонӣ, маъмурӣ ва ташкилӣ-маишӣ амалӣ мегардад, ки самаранокиро дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъмин менамояд.

Усули маҷбурсозии маъмурӣ дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ татбиқ гардида, мувофиқи андешаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ амалигардонии усули мазкур бо фаъолияти мақомоти гумрук алоқаманд аст, ки бо анҷом додани назорати гумрукӣ, содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ,

пешбурди истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, татбиқи ҷазоҳои маъмурӣ ва дигар тадбирҳои хусусияти ҳуқуқии маъмуридошта рабт дорад. Ӯ тадбирҳои усулҳои маҷбурсозӣ дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро баррасӣ карда, чораҳои огоҳсозии маъмурӣ, чораҳои пешгирии маъмурӣ ва чораҳои ҷавобгарии маъмуриро муайян кардааст.

4. Масъалаи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷумлаи масъалаҳои марказии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад, ки муаллиф дар шакли хос онро мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор додааст. Тавре ӯ қайд мекунад, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҷузъи таркибии мақомоти идоракунии давлатиро ташкил медиҳад, идоракунии давлатиро дар соҳаи муайян, яъне фаъолияти гумрукӣ амалӣ месозанд ва фарогири доираи мақомоти гуногуни давлатӣ мебошад. Ба назари ӯ мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба сифати механизм ва субъекти муҳимтарини идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баромад мекунанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таснифи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз рӯи асосҳои гуногун, ба монанди сарчашмаи таъсисёбӣ, салоҳияташон ва қабули қарор муайян гардиданд. Муаллиф дар доираи таҳлили мазкур таваҷҷуҳи бештар ба мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз рӯйи салоҳияташон додааст, ки онҳоро ба мақомоти салоҳияти умумӣ ва махсус ҷудо кардааст. Мутобиқи андешаи ӯ аз рӯйи салоҳият мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба мақомоти салоҳияти умумидошта ва салоҳияти махсусдошта ҷудо мешаванд. Ҳамчун мақомоти салоҳияти умумидоштаи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун мақомоти салоҳияти махсусдошта мақомоти гумрук муайян гардидаанд, ки дарвоқеъ онҳо дар муайян, амалисозӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи гумрук, амалисозии вазифаҳо дар ин соҳа ва татбиқи қонунгузории гумрукӣ нақши муҳим доранд.

Хусусан, муаллиф мақом ва нақши мақомоти гумруки кишварро дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ ва таҳлил намуда, махсусият, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва низоми онро равшан кардааст ва дар натиҷа таклифҳо ва тавсияҳои асосноки илмиро вобаста такмил ва рушди мақомоти мазкур ва фаъолияти он манзур намудааст.

5. Қонуният дар таъмини самаранокӣ ва устувории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муҳим мебошад, ки бо ин назардошт муаллиф дар таҳқиқи диссертатсионӣ боби алоҳидаро ба он бахшидааст. Дар доираи қисмати номбурда муаллиф мазмун, моҳият ва аҳамияти қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, интизом дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таносуби он бо қонуният, кафолатҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ ва баррасӣ намуда, андешаҳои илмии худро баён кардааст. Ӯ воситаҳои таъмини қонуниятро таҳлили пурра карда, ба хулоса омадааст, ки тарзҳои мазкур аз рӯйи омилҳо ва маҳакҳои гуногун таснифбандӣ мегарданд, ки дар ин миён вобаста ба иҷрои амалҳои мушаххас – контрол, назорат ва муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муайян намуда, баъдан мазмуни ҳар яки онро равшан карда, таклифҳо ва тавсияҳои худро роҷеъ ба онҳо манзур намудааст.

Муаллиф таваҷҷуҳи худро нисбат ба мазмун ва моҳияти контрол ва назорат дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дода, онҳоро тадбири муҳимтарини таъмини қонуният, мақсаднокии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва таъмини баландбардории самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян намудааст. Ӯ иброз намудааст, ки контрол нисбат ба назорат дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ васеъ буда, дар заминаи контрол риояи талаботи қонунгузорӣ (яъне, риояи қонуният), баҳодиҳии фаъолият ва самаранокии фаъолияти объектҳои контролкунанда муайян карда мешавад. Ба амал баровардани контрол бо риояи талаботи қонунгузорӣ маҳдуд намегардад. Дар доираи он ҳам риояи қонуният ва ҳам мақсаднокии фаъолият баҳо дода мешавад, ки дар назорат бо риояи қонуният маҳдуд мегардад. Яъне, дар натиҷаи контрол муайян карда мешавад, ки фаъолияти объекти контролкунанда бо риояи принсипи қонуният мақсаднок сурат гирифтааст ё не. Дар ин замина самаранокии фаъолияти объект дар давраи дахлдор муайян карда мешавад.

Тавре таҳлили масъалаҳои баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур нишон медиҳад, масъалаҳои мазкур асоси устуворӣ ва мазмуни идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро ташкилдода, андешаҳо ва консепсияҳои нави илмӣ роҷеъ ба онҳо аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардиданд, ки дар сатҳи илми муосири ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Тазаккур додан ба мавридаст, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Соибов З.М. қадами муҳим ва бузург дар рушди илми ҳуқуқи маъмурии кишвар ва такмилии доракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур бори аввал дар илми ҳуқуқи маъмурӣ буда, бо забони давлатӣ таҳия гардидааст.

Таҳлил ва омӯзиши таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки он мақсаду ҳадафҳое, ки дар иртибот бо таҳияи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур гузошта шудааст, ба таври пурра амалӣ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни баланди илмӣ ва амалӣ дошта, метавонанд ба рушди падидаҳо ва масъалаҳои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ, қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои барномавии соҳавӣ ва дар маҷмуъ идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона гарданд. Тавре муаллиф зикр кардааст, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсияро (хулоса, таклифҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда) метавон дар раванди таҳлил ва таҳқиқоти илмии масъалаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ, ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ва ҳуқуқи конститутсионӣ истифода намуд.

Ҳамзамон, масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқотро мумкин аст, ки дар доираи таълим ва тадриси фанҳои « Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Асосҳои фаъолияти гумрукӣ» ва курсҳои махсус истифода кард. Ба ғайр аз ин, хулосаҳо ва тавсияҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардида метавонад дар таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалия ва такмили фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ҳамчунин таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавӣ самараи мусбиро ба бор орад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳаммияти баланди илмӣ дошта, хусусиятҳои назарӣ ва амалиро дар худ касб мекунанд. Яъне, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ ва амалияи ташкил ва баамалбарории идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба таври васеъ истифода намуд. Чуноне аз таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд, дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои ҳуқуқии назариявии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ба мисли падидаи идоракунии давлатӣ ва фаҳмиши он дар илми ҳуқуқи маъмурии муосир, мазмун ва моҳияти фаъолияти гумрукӣ ҳамчун масъала ва соҳаи марказии идоракунии давлатии

фаъолияти гумрукӣ, ки ба маънии том объекти чунин намуди идоракунии давлатиро ташкил медиҳад, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва қонуният дар идоракунии давлатии соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, баъзе ҷанбаҳои таърихии ташаккули масъалаи баррасишаванда, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, шароит ва омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ба ташкили фаъолияти гумрукӣ ва раванди идоракунии давлатии он таъсиркунанда ва муқаррароти амалкунандаи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардидааст.

Навгонии илмӣ бо нуктаҳои ба ҳимоя тасдиқшаванда тасдиқ мегардад, ки натиҷаи таҳлили пурра, ҳамаҷониба ва босамари муаллифро нишон медиҳад. Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф дар доираи масъалаҳои баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, ки мутобиқ ба ҳадаф, мақсад ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ аст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод шавандаро ба ду қисмат, яъне нуқтаҳои хусусияти назариявӣ ва нуқтаҳои хусусияти амалидошта ҷудо кардааст. Дар нуқтаҳои хусусияти назариявидошта муаллиф роҷеъ ба мафҳумҳо, мазмуни масъалаҳои дахлдори таҳқиқот ва хусусиятҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва аҳаммиятнокии онҳо андешаҳои худро баён намудааст. Нуқтаҳои хусусияти амалидошта бошад, марбут ба такмили қонунгузории кишвар ва рушди амалияи идоракунии давлатӣ мебошанд.

Дар доираи нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф мавқеи илмии худро вобаста ба фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, заминаҳои таърихии ташаккули фаъолияти гумрукӣ ва нақши он дар ҳалли вазифаҳои идоракунии давлатӣ, хусусиятҳои фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мазмуни ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, табиати шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ ҳамчун шакли ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, мазмуни усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҳамчун механизми муҳимтарини амалисозии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва аҳаммият ва тарзҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян кардааст. Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, андешаҳо ва мавқеи нави илмӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии кишвар мебошанд.

Бояд зикр кард, ки дар қатори муваффақиятҳои илмии бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамзамон баъзе масъалаҳои баҳснок ва таҳлилталаб ҷой доранд, ки чунинанд:

1. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили масъалаи асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҷой надорад. Зеро, боби аввали таҳқиқот асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ унвон гирифтааст, ки дар доираи он беҳтар мешуд, ки зербоби алоҳида оид ба асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир гардида, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирифт.

2. Вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба он баён кардааст. Вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро муаллиф дар алоқамандӣ бо вазифаҳои фаъолияти гумрукӣ, вазифаҳои дар Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ва вазифаҳои мақомоти гумрук муайян намудааст. Бояд гуфт, ки вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба таври мушаххас аз ҷониби муаллиф муайян нашудааст. Вазифаҳои болозикр, ки муаллиф ба онҳо такя намудааст, танҳо бо идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ алоқамандӣ доранд, аммо вазифаҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мазмуни ба худ хос доранд ва бояд мушаххасан муайян гарданд.

3. Дар доираи таҳлили масъалаи шаклҳои ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муаллиф содир намудани амалҳои хусусияти ҳуқуқидоштаро намуди алоҳидаи шаклҳои мазкур муайян намудааст. Тибқи андешаи ӯ контрол ва назорат, махсусан назорати маъмурӣ ба сифати амалҳои хусусияти ҳуқуқидошта баромад мекунад, ки аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, хусусан мақомоти гумрук ба таври васеъ истифода мегарданд. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар дигар ҳолатҳо муаллиф контрол ва назоратро ҳамчун функсияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян кардааст, ки метавонанд баҳсҳоро ба миён орад. Бинобар ҳамин, вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф андешаҳои худро баён намояд.

Ҳолатҳои дар боло зикршуда хусусияти баҳснокӣ дошта, ба мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳамчунин аҳаммияти илмии он таъсир намерасонад.

**Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Соибов З.М. дорои мазмуни баланди илмӣ буда, натиҷаҳои илмии таҳқиқот, таклифҳо ва тавсияҳои муаллиф собитгари саҳми шахсии ӯ мебошанд. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, масъалаҳои баррасишаванда ба таври низомнок таҳқиқ гардиданд.

Диссертатсияи Соибов З.М. ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» ба талаботи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси илмии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Суратмаҷлиси маҷлиси илмӣ аз 20 марти соли 2023, №1 таҳия гардидааст.

Тақризи муассиаи пешбар аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 - и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ. омода гардида, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратмаҷлиси маҷлиси кафедра аз 28 марти соли 2023, №8 таҳия гардидааст. Дар маҷлиси кафедра иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “зид” – 0, “бетараф” – 0.

**Раискунандаи маҷлиси илмӣ:**
сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва фаъолияти маъмурии факултети №2 - и
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия Вализода Н.Д.

**Эксперт:**
профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 - и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ.

**Котиби маҷлис:**
сардори кабинетҳои кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 - и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон капитани милитсия Мусозода Ш.Ҳ.

«Имзои Ализода Н.Д., Назарзода Н.Ҷ. ва Мусозода Ш.Ҳ.» -ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Музаффарзода Б.З.

11.04.2023с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии “Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 734012, ш. Душанбе, к. М. Мастонгулов 3, тел.: (+992 37) 226-36-13; факс:(+992 37) 226-30-43. E-mail: avkdtj.@mail.ru